Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О19-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)

# Тақризи

**муқарризи расми ба рисолаи илмии Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар мавзуи "Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Рисолаи илмии Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар мавзуи: «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.08 -Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар моддаи 13 Конститутсияи ҶТ омадааст, ки «Об моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодабарии самаранокии онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад». Асоси қонунгузории ҶТ роҷеъ ба об ва масоили он маҳз муқаррароти мазкур аст, чунки дар асоси он тамоми асноди ҳуқуқӣ доир ба об ва масоили он қабул мегардад. Қайд кардан зарур аст, ки муқаррароти Конститутсияи ҶТ оид ба об баҳри амалӣ гардидани истифодаи самаранок ва ҳифзи ҳуқуқии он равона гардидааст.

Об омили муҳими табиат буда, аз борону барф сарчашма мегирад ва бавуҷудоии он аз одамон вобастагӣ надорад. Дар миқёси сайёраи мо аз 100 % захирахои об 97,5% обҳои шӯр буда, 2,5% обҳои тоза ҳастанд. Обҳои тозаро инсон барои хурок, қонеъ намудани талаботи хоҷагии қишлоқ, саноат ва бо дигар мақсадҳо истифода мебарад. Аз ин бармеояд, то чи андоза оби тоза лозим ва арзишнок аст. Ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки дар Замин захираи оби тоза дар як андозаи муайян буда, миқдори он худ аз худ зиёд намегардад. Об ва масоили онро асноди ҳуқуқии байналхалқӣ ва дохилидавлатӣ ба танзим даровардааст. Асноди ҳуқуқии байналхалқӣ ва дохилидавлатӣ вазъи ҳуқуқии обро муайян намуда, баҳри ҳалли масоили он, ки аз ҷабҳаи ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, иқтисодӣ ва ғ. иборат аст, равона гардидаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қабили он давлатҳое мебошад, ки ба ҳалли масоили вобаста ба об чи дар дохили давлат ва чи дар арсаи ҷаҳон кушиш ба харҷ медиҳад. Дар ин ҷода саҳми Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон хело назаррас аст. Президенти ҶТ ба вазъи экологии ҷумҳурӣ, камшавии захираҳои оби ҶТ ва таъсири он ба кишварҳои Осиёи Марказӣ диққати махсус медиҳад. Маҳз бо таклифи Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон СММ Қарори махсус дар бораи «Соли байналмиллалии оби тоза эълон шудани соли 2003» қабул кард.

Ҳифзи ҳуқуқии обро Кодекси оби ҶТ аз ифлосшавӣ, харобу камшавӣ, ки метавонад ба саломатии аҳолӣ зарар расонида, боиси кам шудани захираҳои моҳӣ, инчунин дар асари тағйир ёфтани хусусиятҳои табиӣ, химиявию биологии обҳо, паст шудани қобилияти онҳо ба тозашавии табиӣ, вайрон шудани низоми гидрофизикию гидрогеологии обҳо боиси бад шудани обтаъминкунӣ ва дигар шароитҳои номусоид, пешбинӣ менамояд.

Дар КҶ ҶТ меъёри махсуси муқарраркунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об мустаҳкам шудааст. Аммо меъёри мазкур ҳам

барои фаҳмидани аломатҳои ҳатмии он ва ҳам барои истифода дар фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда хеле мураккаб мебошад. Вобаста ба ин таҳлили илмии ҷинояти ифлос кардани об муҳим ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки бори аввал дар таърихи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об ва амалияи татбиқи м. 226 КҶ ҶТ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Саҳми муаллиф дар он ифода мегардад, ки дар таҳқиқот аломатҳои асосии таркиби ҷинояти ифлос кардани об, таърихи қонунгузорӣ дар бораи муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин кирдорҳо, хусусиятҳои ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об мутобиқи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Навгониҳои рисолаи мазкур бештар дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳод шуда арзёбӣ мегардад, ки чанде аз онҳоро пеш овардан мумкин аст: Масалан, пешниҳоди муаллиф дар мавриди "барои қасдан ифлос ё олуда намудани обҳои нушокӣ дар КҶ ҶТ бидуни дар аввал муқаррар намудани преюдисияи маъмурӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шавад" ҷолиби диққат мебошад (саҳифаи 16 диссертатсия). Чунин тарзи ҳифз намудани манбаъҳои таъминкунандаи оби нушокӣ албатта асоснок ба ҳисоб рафта, он мумкин аст, барои ба таври афзалиятнок ҳифз шудани манбаъҳои оби нушокӣ тавассути меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ истифода шавад.

Пешниҳодҳои муаллиф дар мавриди мустаҳкам намудани чунин ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани. об, ба монандӣ "бемории саросарии одамон" (саҳифаи 17 диссертатсия), "аз беэҳтиётӣ боиси марги ду ё зиёда инсон шудан" (саҳифаи 18 диссертатсия) низ

асоснок буда, пурзӯр намудани ҷавобгариро дар чунин ҳолатҳо тақозо месозад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода гардидани усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, таҳлили ҳамаҷониба ва воқеъбинонаи қонунгузории ҶТ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз тарафи ҶТ эътирофнамуда, таҳлили адабиёти умумӣ ва махсуси илмию таълимӣ, диссертатсияҳо, мақолаву дастовардҳои дигари дар сатҳи илмӣ пазируфташуда ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ асоснок мегардад.

Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пеленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст омадаанд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:

Маҷмуи хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосие, ки дар диссертатсия баррасӣ шудаанд, моҳияти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятии об дар қонунгузории муосири Тоҷикистон, хусусиятҳои таркиби ҷинояти ифлос кардани обро ошкор намуда, саҳми муайян дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ шуморида мешаванд. Баррасии ягонагии проблемаҳои қонунбарорӣ ва татбиқи қонуни ҷиноятӣ дар ҳифзи об муҳим арзёбӣ мегардад. Таҳқиқот имкон дод, ки як қатор самтҳои такмили қонуни ҷиноятӣ муайян карда шаванд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳаммияти таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он мумкин аст дар фаъолияти қонунгузорӣ оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи

ҷиноятӣ; дар фаъолияти макомоти тафтишотӣ ва судӣ бо мақсади ҳалли мушкилиҳое, ки ҳангоми татбиқи меъёри муқарраркунандаи ҷавобгарӣ барои ифлос кардани об ба миён меоянд; зимни омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ, маҷмуаи фармонҳои Прокурори генералии ҶТ, бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об аз ҷониби судҳо истифода шаванд. Ғайр аз ин маводҳои таҳқиқот ҳангоми таълими фаннҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи обӣ, ҳуқуқи байналмилалии об, ҳуқуқи экологӣ; дар кори илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба ҳалли минбаъдаи масоили ҳуқуқии ҷиноятии мубориза бо ифлосшавии об низ аҳаммият дошта метавонанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 8 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба нашр расонида шуда, ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ мувофиқ мебошанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар мавзуи: “Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, истифодаи мавод будуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхах тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

**Дар баробари ин дар диссертатсия баъзе аз масъалаҳои баҳснок ва камбудиҳое ҷой доранд, ки аз инҳо иборат аст:**

**1.** Диссертант дар нуктаи ҳаштуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда (пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд) пешниҳод медорад, ки “муносибати шахс нисбат ба оқибати ҷинояти ифлос кардани об бояд бо гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ ифода гардад. Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми мавҷуд будани қасди бевоситаи гунаҳгор ба расонидани зарари ҷиддӣ, ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ ҷавобгарӣ бояд ҳангоми ҷой доштани аломатҳои дахлдор барои терроризм, таҳрибкорӣ, экосид ё ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ба вуҷуд ояд”. Бо чунин пешниҳоди муаллиф розӣ шудан мушкил аст. Зеро дар чунин ҳолат, масалан ҷой доштани қасди бавосита нисбат ба оқибати ифлос кардани об аз доираи таркиби ҷиноят берун мемонад. Аз тарафи дигар, муаллиф дар саҳифаи 116 диссертатсия бархилофи пешниҳоди худ баён медорад, ки “ҳар чи бештар криминализатсия намудани кирдор, аз ҷумла аз ҳисоби васеъ намудани доираи ҷавобгарӣ вобаста ба шакли гуноҳ мумкин аст, ба оқибатҳои манфӣ оварда расонад, яъне боиси паст шудани нуфузи қонуни ҷиноятӣ, сарфи назар намудани манъкуниҳо ва татбиқ нашудани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ гардад”.

2. Дар саҳифаи 63 диссертатсия пешниҳод мешавад, ки “дар қ.1 м.226 КҶ ҶТ бори аввал ифлос кардани об бо моддаҳои радиоактивӣ, химиявӣ, биологӣ, ё моддаҳо ё партовҳои дигари хавфнок криминализатсия карда шавад”. Вале аз чӣ сабаб чунин пешниҳод дар нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда барои такмил додани КҶ ҶТ мустаҳкам карда нашудааст.

3. Муаллифи диссертатсия дар таҳқиқоти худ табиати ҳуқуқии об ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор додааст (саҳифҳои 22-35). Хубтар мебуд, агар муаллиф

таърих ва ташаккули қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ифлос кардани обро дар зербоби алоҳидаи таҳқиқот таҳлил менамуд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:**

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Абдуллозода Баҳодур Валӣ ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи номзади илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, мусоидат карда, боиси он мегардад, ки ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об такмил ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илм ва қонунгузории ҷиноятӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд. Ҳамзамон, хулоса ва натиҷаҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсияҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси ҳуқуқи ҷиноятӣ, курсҳои махсуси

“Ҷиноятҳои экологӣ”, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо, инчунин дар амалия ва дар рафти тафтишоти пешакӣ ва судӣ метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти Абдуллозода Баҳодур Валӣ -ро нишон медиҳанд.

Дар умум, Абдуллозода Баҳодур Валӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои хуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, омода гардидааст, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои хуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими
калони кафедраи хуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ
ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Ғафорова Ш. А.

Имзои Ғафорова Ш. А. -ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Мирҷамолов М. А.

07.11.2024

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14